«Мувофиқа карда шуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ

«21» декабр соли 2023
Протокол №13

«Тасдиқ мекунам»
Хадамоти алоқаи назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Бег Сабур
«28» 12 соли 2023

Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки аз рӯи онҳо доир ба риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи алоқаи баркӣ ва алоқаи почта санҷиш гузаронида мешавад

| № | Номгӯи масъалаҳои назоратӣ | Ҷавобҳо | | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | ҳа | не | |
| | *1. Номгӯи масъалаҳои назоратӣ барои иҷозатномаҳои умумӣ* | | | |
| 1. | Намуди фаъолият дар соҳаи алоқаи баркӣ ва алоқаи почта, ки барои дар доираи иҷозатнома амалӣ намудани он иҷозат дода мешавад. | | | |
| 2. | Ҳудуде, ки дар он амалӣ намудани фаъолияти иҷозатномашаванда иҷозат дода мешавад. | | | |
| 3. | Риояи мухлати амали иҷозатнома. | | | |
| 4. | Таъмини сертификатсияи воситаҳои техникии алоқаи баркӣ ва алоқаи почта ба тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. | | | |
| 5. | Таъмини меъёрҳои муқарраршудаи сифати хизматрасониҳо дар алоқаи баркӣ ва алокаи почта мутобиқи намудҳои фаъолияти иҷозатномашаванда. | | | |
| 6. | Ба маълумоти истифодабарандагон расонидани тартиби хизматрасониҳо, тарифҳо ва ахбороти иттилоотӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма. | | | |
| 7. | Таъмини сирри гуфтугӯи телефонӣ, иттилооти телеграфӣ ва дигар ахбороти тавассути шабакаҳои алоқа додашаванда, амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла амният ва ҳифзи объект ва иншооти алоқа. | | | |
| | *2. Номгӯи масъалаҳои назоратӣ барои иҷозатномаҳои инфиродӣ* | | | |
| 8. | Намуди фаъолият дар соҳаи алоқа, ки иҷрои он дар доираи иҷозатнома роҳ дода мешавад. | | | |
| 9. | Ҳудуде, ки дар он фаъолияти иҷозатномашуда татбиқ карда мешавад. | | | |
| 10. | Тавсифоти техникии таҷҳизот (меъёру | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | стандартҳо), воситаҳои алоқа, ки ҷиҳати бунёди шабака ва иншоот истифода мешаванд. | | | |
| 11. | Номинал ё минтақаи радиобасомади (рақами каналҳои телевизион, номи стандартҳои радиои алоқаи мутаҳаррик ва дастрасии бесим ва ғайра) ҷудокардашуда. | | | |
| 12. | Нақшаи ташкил ва дурнамои рушди шабака (азхудкунии масоҳати фарогирӣ, тавсияи иқтидори фиристанда, теъдоди муштариён ва ғайра). | | | |
| 13. | Таъмини сертификатсияи воситаҳои техникии алоқа тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. | | | |
| 14. | Таъмини меъёрҳои муқараргардидаи сифати хизматрасониҳо. | | | |
| 15. | Тартиби васли шабакаи иҷозатномадор ба шабакаи истифодаи умум. | | | |
| 16. | Тартиби гузаронидани трафики телефонии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ, истифодабарии рамзҳои (кодҳои) телефон, рақамҳо. | | | |
| 17. | Талаботи таъмини кори воситаҳои алоқа ба манфиати амният ва мудофиаи давлат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои махсусан муҳими ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷумла таъминоти техникии системаи чораҳои фаврию (оперативию) ҷустуҷӯӣ. | | | |
| 18. | Тартиби истифодаи номиналҳои таъиншуда ё қитъаи радиобасомад. | | | |
| 19. | Ба истифодабарандагон хабар додани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, тарифҳо ва ахбороти истеъмолӣ, аз ҷумла, тавассути воситаҳои ахбори омма. | | | |
| 20. | Таъмини сирри (маҳрамияти) гуфтугӯи телефонӣ, телеграфӣ, мукотибаи почтавӣ ва ғайра ахбороти тавассути шабакаи алоқаи барқӣ ва алоқаи почта додашаванда, амнияти иттилоот, аз ҷумла амният ва ҳифзи объектҳо ва иншоотҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта. | | | |
| 21. | Омодасозӣ ва тахмини кори шабакаҳои алоқа ҳангоми вазъияти фавқулодда. | | | |
| 22. | Тарҳрезӣ ва сохтмони шабакаҳо, иншоот ва объектҳои алоқа. | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 23. | Таъмини ҳамоҳангӣ бо системаи идораи фаврию (оперативию) техникӣ.<br>Пешниҳоди иттилооти дархостшаванда оид ба фаъолияти иҷозатномадор. | | | |
| 24. | Мавҷуд будани хулосаи техникии мақомоти ваколатдор барои истифодабарии шабака, густариши он ва ба истифода додани таҷҳизоти нав. | | | |
| 25. | Дастрасӣ доштан ба шабакаи истифодабарии умум дар асоси одилона ва бидуни поймолкунии ҳуқуқ. | | | |
| *3. Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки дар асоси он санҷиши истифодабарии каналҳо ва хатҳои басомадҳо, хусусиятҳои техникӣ ва истифодабарии радиосигналҳои фиристодашаванда гузаронида мешавад* | | | | |
| 26. | Мавҷудияти ҷобаҷокунии ҳуҷҷатҳои (базаи маълумотҳо) воситаҳои техникии истифодашаванда (воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомад). | | | |
| 27. | Миқдор, навъ тавоноии воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомаде, ки дар ҳолати ғайри фаъол (консервация) қарор доранд ва сабабҳои ин ҳолат. | | | |
| 28. | Риояи муҳлати фаъолияти ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ. | | | |
| 29. | Ҳолатҳои техникии воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомади истифодашаванда. | | | |
| 30. | Реҷаи кории воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомад мутобиқи ҷадвал ва вақти ҷудокардашуда. | | | |
| 31. | Тақсим намудани ҷараёни рақамӣ барои ташкили трафики воридотиву содиротӣ. | | | |
| 32. | Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои меъёри оид ба таъиноти шахсони масъул барои истифодабарии воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомад. | | | |
| 33. | Истифодабарии радиосигналҳои даъватии ба қайд гирифташуда. | | | |
| 34. | Тартиби харидории воситаҳои радиоэлектронӣ ва дастгоҳҳои баландбасомад. | | | |
| *4. Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки дар асоси он санҷиши риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи алоқаи почта гузаронида мешавад* | | | | |
| 35. | Ҳолати умумии шуъба, марказҳои алоқаи почта. | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 36. | Ҳолати бехатарии маблағ ва маводҳои почтавӣ. | | | |
| 37. | Иҷрои нақшаи мубодилаи почта ва даромадҳо. | | | |
| 38. | Қабул, коркард ва дастраснамоии муросилот. | | | |
| 39. | Амалиётҳои марбути ирсолпулиҳо. | | | |
| 40. | Ҳамлу нақли муросилоти почта. | | | |
| 41. | Дастраснамоии матбуоти даврӣ. | | | |
| 42. | Масъалаҳои кадрӣ ва техникаи бехатарӣ. | | | |
| 43. | Арзу шикоятҳои шаҳрвандон. | | | |
| 44. | Меъёрҳои дастраснамоӣ ва иҷрои он. | | | |
| 45. | Ташкили хизматраснонии почтаи фаврӣ. | | | |
| 46. | Худудҳои хизматрасонӣ. | | | |